Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, пешниҳод карда шудааст.**

Дар замони муосир масъалаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии сохтори иқтисодӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва тағйироти бозори меҳнат зарурати такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро бештар менамоянд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат ва рушди иқтисодии кишвар бахшида шудааст.

Маврид ба ёдоварист, ки муаллиф дар диссертатсия ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар давраи гузариш аз низоми иқтисодии собиқ Шуравӣ ба муносибатҳои бозорӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳанӯз ба низоми муайян ворид нашуда, ба танзими фаъолтари давлатӣ ниёз доштанд. Ин вазъ, пеш аз ҳама, ба фарқияти назаррас миёни муносибатҳои меҳнатии давраи Шуравӣ ва шароити нави иқтисодӣ вобаста буд.

Муаллиф муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ба ду гурӯҳи асосӣ — муносибатҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои воқеӣ ҷудо намуда, барои ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хосро нишон додааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот самтҳои асосии омӯзиши мавзуъ аз ҷониби олимони ватанӣ, аз ҷумла масъалаҳои шуғл ва бекорӣ, танзими давлатии бозори меҳнат ва ташаккули муносибатҳои нави меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷолибияти ин қисмати таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф дар баробари баррасии мавзуъҳои асосии бозори меҳнат, мафҳумҳои ҳамоҳангӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ, патернализм, субсидиария, шарикии иҷтимоӣ, ихтилоф ва табъизро ҳамчун омилҳои муҳими ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ муайян намудааст. Чунин равиш имконият медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати ҳуқуқию иқтисодӣ, балки аз нуқтаи назари иҷтимоӣ низ арзёбӣ гардад (саҳ. 19–20).

Ҳангоми омӯзиши автореферати пешниҳодшуда маълум гардид, ки дар рисолаи илмии Зарифзода Моҳира Зариф асосҳои назариявию методологии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, моҳият ва хусусиятҳои бозори меҳнат, омилҳои таъсиррасон ба рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва нақши танзими давлатии онҳо ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф ба мавқеъҳои назариявии олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, равишҳои гуногуни омӯзиши муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро баррасӣ ва заминаи методологии таҳқиқоти минбаъдаро муайян кардааст. Ба андешаи муқарриз, чунин таҳлил барои асоснок намудани самтҳои такмили танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи зарурии илмӣ фароҳам овардааст.

Масалан, муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки **дар сатҳи минтақавӣ муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ хусусиятҳои гуногун дошта, вазъи шуғл ва музди меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҳам фарқ мекунанд**. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе, бо дарназардошти фарогирии васеи муносибатҳои меҳнатии инноватсионӣ, сатҳи шуғли расмӣ ва музди меҳнат нисбатан баланд арзёбӣ мегардад. Дар маркази вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои гирду атрофи он ин нишондиҳандаҳо дар сатҳи миёна қарор дошта, ҳамзамон муҳити фаъоли соҳибкорӣ ва саноатӣ ташаккул ёфтааст. Ба гуфтаи муаллиф, дар чунин шароит муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бештар дар заминаи рушди шарикии иҷтимоӣ шакл мегиранд (саҳ. 23).

Дар автореферати диссертатсия бо таваҷҷуҳ ба талаботи мавҷуда муҳимтарин нуктаҳои назар, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, дорои хусусияти назариявию амалӣ мебошанд, пешниҳод гардидаанд. Муаллиф Зарифзода Моҳира Зариф бо дарки амиқи мафҳум ва муҳтавои мавзуи таҳқиқот масъалаҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ-ро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, роҳҳои такмили он ва истифодаи самараноки механизмҳои муосири танзими бозори меҳнатро асоснок кардааст. Ба андешаи муқарриз, натиҷаҳои пешниҳодшуда барои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили сиёсати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми нишон додани баъзе натиҷаҳои таҳқиқот ва пешниҳодҳои амалии худ **манбаъҳои оморӣ ва далелҳои асоснокунандаи онҳоро возеҳтар нишон медод ва робитаи байни натиҷаҳои илмӣ ва механизмҳои пешниҳодгардидаи татбиқи онҳоро мушаххастар шарҳ менамуд**. Дар ин ҳолат сифати таҳқиқоти анҷомёфта боз ҳам беҳтар мегардид.

Эродҳои гирифташуда сифати таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд ва бештар хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба таври кофӣ шарҳ ва асоснок карда шудаанд.

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба таври пурра шарҳ ва асоснок карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, аз рӯи сохтор, мазмун ва натиҷаҳои бадастомада метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д.Н.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5
Тел. (992) 92 856 66 65, E-mail: dalerdn@mail.ru

“____” ___________________ соли 2026

*Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н-ро тасдиқ мекунам:*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон Бобоев А.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкрн. 17, хонаи 1
Тел.Факс: (992-3422) 2-51-70, E-mail: tsulbp@rambler.ru

“____” ___________________ соли 2026